**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Июни 2018

**Сатҳи таваррум тамоюли мӯътадили худро ба монанди моҳҳои қаблӣ идома дода, дар моҳи июни соли ҷорӣ ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ба андозаи -0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи молҳои ғайриҳӯрокворӣ 1,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 2,1 фоиз (0,3 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи -0,5 фоиз (-0,3 б.ф.) ба қайд гирифта шуд.

Ба раванди мазкур болоравии нархи баъзе аз молҳои ғайриҳӯрокворӣ ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ (аз қабили маводи сӯзишворӣ) замина гузошт, ки ин зуҳурот омили ғайримонетарӣ арзёбӣ мегардад.

Дар сохтори молҳои ғайриҳӯрокворӣ дар моҳи баррасишаванда бештар афзоиши нархи гази моеъ ба андозаи 33,0 фоиз ба қайд гирифта шуд, ки ба ин коҳишёбии воридот ва дар ин замина боло рафтани нархи он дар кишвар сабаб гардид.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ танҳо дар моҳи июни соли ҷорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 27,8 ҳазор тонна гази моеъ ворид гардидааст, ки ин нишондод нисбат ба моҳи гузашта (моҳи майи соли равон) ба андозаи 22,1 фоиз (7,9 ҳазор тонна) кам мебошад.

**Таварруми солона бошад, тавре интизор мерафт, раванди коҳишёбии худро идома дода, дар моҳи июн ба 1,6 фоиз баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба моҳи қаблӣ ба андозаи 0,1 б.ф. кам мебошад.**

**Пешбинӣ мегардад, ки коҳишёбии сатҳи таварруми солона муваққатӣ буда, дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда ҷамъбаст хоҳад ёфт.**

**Сатҳи таварруми аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи июни соли ҷорӣ 0,3 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 1,5 фоиз[1] баробар шуд.** Ба ин раванд нисбатан мӯътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайриҳӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Ҳадафи мақсадноки таварруми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пӯёии тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ истисно мегарданд) поёнравии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи июни соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид.** Аз ҷумла, поёнравии нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи моҳонаи себ (-23,8% м/м ё 19,8% с/с), картошка (-13,3% м/м ё -44,6% с/с), пиёз (-8,0% м/м ё -63,9% с/с), помидор (-26,4% м/м ё 70,6% с/с), бодиринг (-10,0% м/м ё 46,5% с/с), карам (-6,0% м/м ё -32,1% с/с), тухм (3,4% м/м ё 0,1% с/с) ва ғайра ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархи гӯшти гов (1,2% м/м ё 3,0% с/с), биринҷ (2,7% м/м ё 8,1% с/с), шакар (9,1% м/м ё -11,2% с/с), равғани пахта (3,8% м/м ё -6,1% с/с) ва лимӯ (18,8% м/м ё 82,5% с/с) раванди афзоиш дошт.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** (0,3% м/м ё 1,0% с/с) бошад, дар ин моҳ вобаста ба афзоиши нархи гази моеъ, ки дар сабади истеъмолии кишвар ҳамчун хизматрасонӣ низ шомил мебошад (31,1% м/м ё 52,3% с/с), бо нишондиҳандаи мусбат ҷамъбаст гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда, фишангҳои монетарӣ ва асъорӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро ҷиҳати танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона менамояд.**

**Таваррумӣ аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумӣ ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**- Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили чораёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисной буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | 0,6 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 2,7 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 1,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -3,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | -0,9 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | -2,1 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,0 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | -8,2 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -6,0 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | 9,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 0,6 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **1,7** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 1,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 0,6 |
| Моводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | -0,9 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 0,7 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 13,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -0,8 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 1,4 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 2,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **2,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 6,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 31,1 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | -0,1 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 1,2 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*